**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, номзади илми филология, профессор Сулаймон Анварӣ ба кори илмии унвонҷӯ Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавӣ ва сарфии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.**

Баррасии таркиби луғавӣ ва сохти сарфии (морфологии) забони классикони адабиёти тоҷик аз масоили пурарзиши забоншиносии тоҷик ба шумор меравад. Хусусан, осори адибони марҳалаҳои мухталифи рушди таърихи забонамон бештар ба таҳқиқи амиқ ниёз дорад. Аз ҷумла, забони ашъори Шамсиддин Шоҳин дорои вижагиҳоест, ки омӯзиши онҳо дар ҷиҳати бозтоби вазъи забони тоҷикӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ва муносибати луғавию грамматикии он бо забони адабии тоҷикии муосир басо муҳим аст. Ба иртиботи арзиши таҳқиқи ин мавзуъ ҷо дорад, ки ба суханони муҳаққиқи ҳаёт ва эҷодиёти шоир Шамсиддин Шоҳин – адабиётшиноси маъруфи тоҷик устод Холиқ Мирзозода руҷуъ намоем:

“Шоҳин бо ифодаҳои тайёри адабиёти классикӣ маҳдуд нашуда, ифодаҳои нави адабиро ҳам эҷод намуд, ки барои ба нормаи (меъёри) забони адабӣ даровардани калима ва ибораҳои умумию ҳамафаҳми халқӣ кӯшид ва ба ин восита, аз як тараф, забони адабиро ба забони халқ наздик овард, аз тарафи дигар, қисман чорчӯбаи то он вақт шикастанашаванда тасаввурнакардаи шоирони асрашро вайрон кард. Аз ҳамаи ин хулоса мебарояд, ки Шоҳин нисбат ба замони худ шоири навовар ва навэҷод мебошад”.

Бо зикри ин суханҳо гуфтанием, ки пажӯҳиши ин ҷиҳати осори шоир аз аҳаммият холӣ нест. Донишмандони таърихи забони адабӣ, шодравонҳо Носирҷон Маъсумӣ, Саид Ҳалимов, Саидқул Сабзаев зимни тадқиқоти худ оид ба масоили гуногуни таърихи забон аҳаммияти таҳқиқи забони ашъори Шамсиддин Шоҳинро низ зарур шумоpидаанд. Аммо то имрӯз дар ин бора кори илмии мукаммале ба анҷом нарасидааст. Аз ин лиҳоз, кори илмии унвонҷӯ Шоҳзода Гулнора Амриддин ба хеле аз суолҳои вазъи забони адабии ҳамон давр ҷавобгӯ мебошад.

Таркиби луғати забони ашъори шоир қабат-қабат сарвати луғавии забони тоҷикӣ-форсиро дар ин давр дар бар дорад ва бо ин ҷиҳати эҷодиёт ӯ дар миёни ҳамқаламони худ аз ҷойгоҳи вижа бархӯрдор аст. Бо дарназардошти вазъи забони тоҷикӣ-форсӣ дар аҳди зикршуда, ғановати таркиби луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин ва ба ин васила саҳми дар инкишофи забон гузоштаи эшон, унвонҷӯ Шоҳзода Гулнора Амриддин ба

таҳқиқи мавзуи манзури назар шуруъ кард. Ӯ ҳудудан 6 сол ба омӯзиши эҷодиёти ин адиби мутафаккир ва адабиёти илмии марбут ба қазия машғул шуда, андешаҳои худро бо суханони баландпояи донишмандони ватаниву хориҷӣ мустанад ба қалам овардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 мақолаи илмӣ таълиф намудааст. Мақолаҳои нашршуда нуқтаҳои муҳим, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро бозгӯ менамоянд ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд.

**Боби якуми** диссертатсия "**Вижагиҳои маъноии ашъори Шамсиддин Шоҳин**" ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли нахуст – "**Ҷойгоҳи вожаҳои қадимаи тоҷикӣ-форсӣ**" се зерфаслро дар бар мегирад.

**Боби дуюми** диссертатсия – "**Гурӯҳҳои луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин**" – аз се фасл фароҳам омадааст. Фаслҳо боз зергурӯҳҳо доранд, ки мухтасар шарҳ ёфтаанд. Фасли якум – "**Мавқеи муродифоти луғавӣ дар ашъори шоир**" зерфаслҳои вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ-тоҷикӣ, вожаҳои ҳаммаънои сифатӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ-тоҷикӣ, вожаҳои ҳаммаънои феълӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ-тоҷикӣ, вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ-арабӣ, вожаҳои ҳаммаънои сифатӣ бо ҷузъҳои тоҷикӣ-арабӣ, вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои арабӣ-тоҷикӣ, вожаҳои ҳаммаънои исмӣ бо ҷузъҳои арабӣ-арабиро дар бар мегирад.

Боби сеюми рисола "**Саҳми Шамсиддин Шоҳин дар ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ**" унвон дорад. Фасли якуми ин боб – "Таҳлили баъзе калимаҳои ашъори шоир" якчанд зерфасл дорад. Зерфасли якум – " Вожаҳои тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ" ҳовии калимаҳоест, ки то давраи Истиқлоли кишварамон бо муродифҳои иқтибосиашон муаррифӣ мешуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** сатҳи дарки масоили дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои кор, талаботи ба ҳимоя пешниҳодгардида, истиқлоли фикрии ӯ дар шаҳри нукоти илмӣ ва гузоришҳояш дар конференсияҳо таъйид менамоянд.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи **Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи "Вижагиҳои луғавӣ ва сарфии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин"**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи

диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, ба унвони роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Сулаймон Анварӣ**

Нишонӣ: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи «Қаротегин -5/3».
Телефон: 225-47-37
«_14_» ноябри соли 2025.

**Имзои Сулаймон Анвариро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25); факс: 227-15-10
E-mail info(a) tnu.tj
«_14_» ноябри соли 2025.